**ХУЛОСАИ**
**НИҲОИИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

**Парвандаи аттестатсионии №___________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.06.2023, №17**

Барои сазовор донистани диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

Диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ санаи 14 апрели соли 2023 дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №28-и Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, хиёбони Нахимова 64/4), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 с. тахти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ 11-уми марти соли 1981 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2009 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси менеҷер хатм намуда, соли 2010 то соли 2013 ба сифати унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Солҳои 2012-2014 сармутахассиси шурои илмӣ-методии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) фаъолият намудааст. Аз соли 2014 то инҷониб ба ҳайси котиби илмии шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳамзамон муаллими калони кафедраи менеҷменти молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Бобошерзода Нозанин “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон суратҷаласаи №7 аз 22.01.2011с. тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Раиси Кумита оид ба иқтисод ва молияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷӯрабоев Ғафурҷон Ҷурабоевич**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Асоев Муфаррах Мазориддинович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар**. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва соҳибкории ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Раҳимов Ҳ.С., омода шуда, дар ҷаласаи ҳамин кафедра баррасӣ ва муҳокима гардида (суратҷаласаи №10, аз 15.05.2023) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода Усмон Маъмур тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзуи «Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ, ки бо “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобошерзода Нозанин Қарақул барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шуд, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатасия 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Совершенствование управления региональными агропромышленными интегрируемыми структурами в современных экономических условиях [Текст]/ Н.К. Бобошерзода // Вестник Таджикского национального университета, Душанбе: «Сино», 2012. С.81-83. ISBN 2413-5151.

**[2-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Совершенствование системы управления региональными агропромышленными интегрируемыми структурами в Республике Таджикистан [Текст]/ Н.К. Бобошерзода // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе: «Сино», 2014, №3. С.46-50. ISBN 2413-5151.

**[3-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Некоторые вопросы внедрения производственного предпринимательства в агропромышленном комплексе [Текст] / Н.К. Бобошерзода // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: «Сино», 2014, №5. С. 110-114. ISBN 2413-5151.

**[4-М]** Бобошерзода Н.Қ. (Қураева Г.Қ.). Кишоварзӣ асоси таъмини амнияти озуқаворӣ [Матн]/ Н. Қ. Бобошерзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Сино», 2014, №6. С.292-298. ISBN 2413-5151.

**[5-М]** Бобошерзода Н.К. Историко-экономические условия и формирования агропромышленной интеграции в Республике Таджикистан [Текст] / Н.К. Бобошерзода, К.К. Давлатзода// Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – Душанбе: «Сино», 2020, №2. С.11-16. ISBN 2413-5151.

**[6-М]** Бобошерзода Н.К. Некоторые аспекты методологического формирования интеграционных процессов в агропромышленном комплексе (АПК) [Текст] / Н.К. Бобошерзода, М.Р. Курбонзода // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – Душанбе: «Сино», 2020, №7. С.43-50. ISBN 2413-5151

**[7-М]** Бобошерзода Н.Қ. Муаммоҳои рушди равандҳои ҳамгироии соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа [Матн] / Н.К. Бобошерзода, М.Р. Курбонзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Сино», 2020, №8. С.43-50. ISBN 2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[8-М]** Бобошерзода Н.Қ**. (**Қураева Г.Қ.). Идораи марказиятноки сохторҳои минтақавии агросаноатӣ – амри замон // Маводҳои илмӣ-амалии Конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Масъалаҳои

мубрами иқтисод ва менеҷмент дар Тоҷикистони муосир», Душанбе: «Ирфон», 2012, аз 28-29-уми ноябри 2012. С.139-141.

**[9-М]** Бобошерзода Н.Қ., Билолов Н.К. (Қураева Г.Қ.). Самтҳои асосии фаъолгардонию баландбардории самаранокии иқтисоди сармоягузориҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Мушкилоти таъмини сармоягузории инкишофи инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18-19-уми феврали соли 2014, Душанбе. С.146-151.

**[10-М]** Бобошерзода Н.К. **(**Кураева Г.К.). Агропромышленная интеграция как фактор устойчивого развития экономики региона//Международный научный журнал «Образование и наука в России и за рубежом», 2019, №2 (Vol.50), С. 383-389.

**[11-М]** Бобошерзода Н.К. **(**Кураева Г.К.), Назарзода А. Теоретические основы анализа финансовой отчётности в внешнеэкономической деятельности//Бобошерзода Н.К. **(**Кураева Г.К.), Назарзода А. Наука и образование сегодня №10 (45), 2019.//»Наука и образование сегодня». М.: Издательство «Проблемы науки», 2019. С.22-26.

**[12-М]** Бобошерзода Н.Қ. Ташаккулдиҳии сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавӣ//Маводҳои илмӣ-амалии Конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон//Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) ш. Душанбе, 13-18 апрели соли 2020, С. 250-252.

**[13-М]** Бобошерзода Н.Қ., Раҳматуллоева М.Р. Асосҳои методологии ҳамгироии сохторҳои агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ/ Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (27.02.2020) / Душанбе, 2020. С.430-435.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Давлатзода Баҳрулло Раҳмон - номзади илмҳои иқтисодӣ, Директори муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе**, бо чунин эродҳо:

1. Хуб мешуд муаллиф дар автореферат масъалаҳои такмили сохторҳои ҳамгироишударо аз нуқтаи назари мушкилотҳои ҷойдошта мавриди баррасӣ қарор медод.

2. Агар муаллиф дар ҳар як қисмати ҷадвалҳои таҳлилшуда фикру андешаҳои худро иброз менамуд, матни автореферат боз ҳам пурмазмунтар мешуд.

**2. Алиҷонов Д.А. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров бо чунин эродҳо:**

1. Хуб мешуд агар муаллиф бештар роҳҳои бартараф намудани камбудиҳоро дар самти мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросанотӣ пешниҳод мекард.

2. Дар матни автореферат аҳёнан хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ба сифати кор таъсири манфӣ намерасонанд.

**3. Мирзоев Сайали Сайвалиевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Дар пешниҳоди аҳамияти мавзуи таҳқиқотӣ, бояд ба он далел асос шавад, ки то ҳадде дар иқтисодиёти муосир омӯзиши ин масъала муҳим ва зарурӣ мебошад. Муаллиф танҳо масъалаҳои умумии сохторҳои ҳамгироишудаи кишоварзии минтақаро бо назардошти он, ки мавзуи омӯзиш ба мушкилоти мукаммалгардонии чунин сохторҳо дар шароити муосири иқтисодӣ бахшида шудааст, асоснок мекунад.

**4. Ҷабборов Абдусаттор - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**, бо чунин эродҳо:

1. Муаллифи автореферат маълумоти оморӣ, далелҳои мансуб ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои онро хеле фароҳ ва бо салоҳияти баланд корбарӣ намудааст. Дар натиҷа ҷадвалу расмҳои зиёд пешниҳод намудааст, аммо намунаву мисолҳои амалӣ дар минтақаи Хатлон доир ба баъзе паҳлӯҳои мавзуи таҳқиқотшуда оварда нашудаанд.

2. Дар автореферат иборaҳо ҳаматарафа раванди таҳқиқотро дар бар нагирифта, такмил металабанд.

**5. Бобоев К.О. - номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими калони пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,** бо чунин эродҳо:

1.Муаллиф таҳлили потенсиали ҳар як минтақаҳои таҳқиқшуда оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ гузаронидаст. Аммо заминаҳои ҳамгироии кишоварзӣ ва самараи онро дар сатҳи минтақа нишон медод барои беҳбудии кор мебуд.

2. Хуб мешуд, дар қисми умумии автореферат ҳиссаи минтақаҳои алоҳида дар иқтисоди миллӣ, аниқтараш, дар маҷмуи маҳсулоти дохилаи мамлакат нишон дода мешуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд:** интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои сохторҳои минтақавии

ҳамгироишудаи агросаноатӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***методологияи*** ташаккули сохторҳои ҳамгирошудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақа, хусусиятҳои ташаккул ва роҳҳои рушди он, ҳамчун омили наздикшавӣ ва мутобиқсозии фаъолияти якҷояи субъектҳои хоҷагидории истеҳсолоти агросаноатии минтақаи мушаххас (вилоят, ноҳия, ҷамоат), ба низом даровaрда шуда, рушд ва амиқсозии робитаҳои истеҳсолӣ ва технологӣ, истифодаи муштараки захираҳои меҳнатӣ, сармояи пулӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ва бартараф намудани монеаҳои мутақобила таҳқиқ карда шудааст.
- ***принсипҳои*** фаъолияти сохторҳои минтақавии ҳамгирошудаи агросаноатӣ, аз қабили узвияти ихтиёрӣ, мустақилияти иқтисодии корхонаҳо, манфиати иқтисодии истеҳсолкунандагони молҳои аҳаммияти истеъмолидошта, тақсимоти мутавозини натиҷаҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи сатҳи минтақавӣ нишон дода шуданд.
- ***омилҳои асосии иқтисодӣ:*** сохтор ва динамикаи истеъмоли маҳсулот, фоизи қарз, тақсимоти фоида, тағйирёбии талабот ва таклифот; ***иҷтимоӣ:*** суръати рушди демографӣ, қувваи коргарӣ, афзоиши хоҷагиҳои инфиродӣ дар шаклҳои гуногун, муҳоҷирати меҳнатӣ, кам кардани шумораи корхонаҳои зиёновар; ***техникӣ***: дараҷаи механикунонӣ ва автоматикунонии ҷараёнҳои технологӣ, коркарди технологияҳои нави рақамӣ ҳангоми коркарди маҳсулот, воридоти технологияҳои нав муайян шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- **фарзияи асили илмие** пешниҳод шудааст, ки бидуни омӯзиши амиқи равандҳои мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи масъалаи мазкур дар сатҳи иқтисодиёти кишвар имконпазир намегардад.
- ***афзалиятҳои*** рақобатпазирӣ ва имкониятҳои иқтисодии равандҳои ҳамгироӣ: ҷамъоварии захираҳои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ; аз рӯйи стандартҳои рақобатпазири мутамарказонидани ҷараёнҳои молиявӣ ва ҷалби лоиҳаҳо ба сармоягузорӣ; рафъи номутаносибии нархҳо дар соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ вобаста; кам кардани хароҷоти амалиётӣ; баланд кардани ҳосилнокии корхонаҳои агросанотӣ; ба даст овардани сарфаи микёс ва

гуногунрангӣ; рафъи мавқеи инҳисорӣ ва рафтори шарикон ва ҳалли рушди инноватсионии истеҳсолоти кишоварзии ватанӣ мушаххас шудаанд.

- ***консепсияи*** ҳалли мушкилоти мавҷуда тавассути ҳамкориҳои иқтисодии корхонаҳои соҳаҳои мухталифи комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дар доираи шартномаҳои истеҳсолӣ ва ҳамгироии моликият таҳия ва пешниҳод шудаастд.

- ***самтҳои мукаммалгардонии*** сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар бахши кишоварзӣ ва корхонаҳои хурду миёна бо ҳамкориҳои мутақобила коркард шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта**

-***ғояи*** ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба дар заминаи асосноксозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои он ***таҳия ва пешниҳод шудааст***.

-***методикаи*** муайян кардани самаранокии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот бо истифода аз қарордодҳои байниҳамдигарӣ дар доираи ташаккули ҳамгироӣ, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳбудии иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд, таҳия ва асоснок шудааст.

-***самтҳои*** асосии амиқтар гардонидани фишангҳои сиёсати давлатии минтақавӣ дар сохторҳои ҳамгироишудаи минтақа дар мисоли як минтақаи алоҳидаи кишвар нишон дода шуда, маълумотҳои воқеии оморӣ оид ба мавзуи таҳқиқ ҷамъоварӣ ва таҳлил гардидааст.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- ***муқаррароти*** бунёдии назарияи ҳамгироӣ, асарҳои олимон-иқтисодшиносони ватанию хориҷӣ оид ба сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ таҳлилу баррасӣ гардида, амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои ироагардида метавонанд боиси беҳбудӣ дар фаъолияти сохторҳои минтақавии ҳамгирошаванда гарданд.

- ***татбиқи*** амалии натиҷаҳои диссертатсия барои рушди сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавии агросаноатӣ дар вилояти Хатлон бобати зиёд шудани дастрасии имконияти бештари бозорҳои кишвар ба маҳсулоти хушсифат ва хуб шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба соҳаи кишоварзӣ ***мусоидат менамояд***.

- ***механизми*** баҳодиҳии сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавии агросаноатӣ ҷиҳати муайян кардани эҳтиёҷоти оптималии истеҳсокунандагон ба истеҳсолот ***таҳия шудааст***.

- ***аҳамияти назариявии*** таҳқиқоти анҷомшуда аз он иборат аст, ки мустақиман барои беҳтар сохтани муносибатҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатии вилояти Хатлон аз рӯйи

принсипҳои ҳамгироии агросаноатӣ равона шуда, иҷрои пешниҳодҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки самаранокии хоҷагии қишлоқ ва ҳам корхонаҳои бахшҳои дигари комплекси агросаноатӣ ***баланд бардошта шавад***.

- ***натиҷаҳои*** таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рафъи бухрон аз соҳа, алалхусус дар мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатии минтақа, муътадилӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ***истифода шаванд***.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи*** илман асоснок дар пояи таҳқиқотҳои олимони соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатии минтақа ***пешниҳод гардидааст,*** ки дар шакли фарогир тафсири пешниҳоднамудаи муаллифии мафҳуми «ҳамгироии минтақавии агросаноатӣ», маънои раванди муттаҳидсозии субъектҳои иқтисоди дар бахши равандҳои агросаноатии минтақаро дорад ва ҳадафи он фароҳам овардани шароити мусоиди самаранок ва натиҷабахши пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.

- ***консепсияи таъмини*** сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ бо кадрҳои баландихтисос ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳа пешниҳод шудааст, ки он ҳамчун мушкилоти на танҳо ба коргарони оддии кооперативҳо дахлдошта, балки маълумоти кофӣ надоштани аксарияти ҳайати роҳбарони воҳидҳои сохтории низомҳои идоракунии минтақавӣ ва маҳаллӣ дар бораи арзишҳои умумии эътирофшуда таъкид шудааст.

- ***равиши*** муносибати масъулиятнок ба вазифаҳои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ тавассути гузаронидани курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳавӣ дар сатҳи зарурӣ ба комплекси агросаноатӣ тавсия шуда, эҳтиёҷи сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ ва дигар хоҷагиҳои кооперативӣ ба роҳбарон – ташкилотчиён, муҳосибон, иқтисодчиён, ҳуқуқшиносон ва дигар мутахассисон навовар мушаххас шудааст.

- ташкили паркҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои мушаххаси вилояти Хатлон (Балҷувон, Ховалинг, Муминобод, Темурмалик, Данғара, Хуросон), ки дорои марказҳои мошинӣ-технологӣ, анборҳо, марказҳои коркард ва логистикӣ, бозорҳои яклухт ва чакана мебошанд, ҷиҳати таъмин ва такмили ихтисоси кормандон кушодани марказҳои таълимӣ, хадамоти иттилоотӣ ва машваратӣ пешниҳод шудааст.

- татбиқи самтҳои пешниҳодшуда ҳаҷми истеҳсолоти сохторҳои ҳамгироии агросаноатиро ботадриҷ афзоиш дода, хароҷоти онҳоро коҳиш медиҳад ва занҷири арзишҳои иловагиро ба вуҷуд меорад, ки ин ба беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолии деҳот ҳаматарафа мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

- ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шуда, муаллиф саҳми худро дар таҳия ва татбиқи самтҳои асосӣ, амиқтар гардонидани фишангҳои сиёсати давлатии минтақавӣ дар сохторҳои ҳамгирошудаи минтақа, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти воқеии оморӣ оид ба мавзуи таҳқиқ гузошта, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳо ба даст оварда, мақолаҳои илмиро омода кардааст.

- дар омода ва нашр намудани 13 кори илмӣ, аз ҷумла 7 - тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ иборат аст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 16.06.2023 қарори сазовор донистани Бобошерзода Нозанин Қарақул барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба овоз монда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ - 14 нафар, муқобил -нест, бетараф -нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**16 июни соли 2023**